Он чизеро, ки дар (бораи дуруст будани) он шак дорӣ, тарк кун ва ба он чизе рӯй биёр, ки дар он шак надорӣ, Зеро ростгӯӣ оромиш меорад ва дурӯғ, шакку шубҳа ба вуҷуд меорад

Аз Абуҳаврои Саъдӣ ривоят аст, ки гуфт: Ҳасан ибни Алӣ (разияллоҳу анҳумо)-ро гуфтам: Чи чизро аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) дар ёд дорӣ? Гуфт: Аз Паёмбар (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) инро дар ёд дорам, ки фармуданд: "Он чизеро, ки дар (бораи дуруст будани) он шак дорӣ, тарк кун ва ба он чизе рӯй биёр, ки дар он шак надорӣ, Зеро ростгӯӣ оромиш меорад ва дурӯғ, шакку шубҳа ба вуҷуд меорад".

[Саҳеҳ] [رواه الترمذي والنسائي وأحمد]

Паёмбари Аллоҳ (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд, ки: Он чизеро, ки дар дурустияш шубҳа дорӣ, хоҳ гуфтор бошад, ё амал, дар ҳаром будан ё набудан, ҳалол ё ҳаром будан, тарк кун, ва рӯй биёр ба он чизе, ки дар дурустӣ ва ҳалол буданаш яқин дорӣ. Зеро қалб ба чизе, ки ҳалол ва некӯ будани он маълум аст, ором мегирад ва ба он мутмаин мешавад. Аммо ҳар он чи шубҳаовар аст, қалбро ба изтироб ва нороҳатӣ меандозад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4564